Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, ш.Душанбе, к. Нахимов 64/14)

# Т А Қ Р И З

**ба автореферати Бобошерзода Нозанин Қарақул дар мавзӯи “Мукаммалгардонии сохторҳои минтақавии ҳамгироишудаи агросаноатӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)” ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст.**

Қайд кардан зарур аст, ки дар марҳилаи хотимавии давраи гузариш ба низоми иқтисоди бозорӣ ташаккул ва рушди сохторҳои минтақавии яклухти озуқаворӣ барои таъмини аҳоли бо ғизои хушсифату миқдори лозимӣ, ки ба қатори масъалаҳои ҳалталаб дохил мешавад, аҳамияти махсус дода мешавад. Аз ин лиҳоз, масъалаи ҳавасмандгардонӣ ва фароҳам овардани шароит барои ташаккули сохторҳои маҷмӯии минтақавӣ дар комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мубрам мегардад.

Вобаста ба зарурияти масъалаи баррасишаванда муаллиф дар автореферат ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии ҳамгироии агросаноатии минтақаро ҳамчун омили рушди устувори иқтисодиёти минтақа баррасӣ менамояд, ки он дар асоси таҳлили амиқи назариявии равандҳои ҳамгироӣ дар соҳа мебошад. Аз ин лиҳоз, дар ҷараёни ҳалли вазифаҳои дар автореферат номбаршуда ва ҳадафи марбут ба асоснокии назариявӣ ва методологии мукаммалгардонии сохторҳои ҳамгироишудаи минтақавии агросаноатӣ бо истифода аз факту рақамҳои оморию ҳисоботии кумитаҳои дахлдори вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон, муаллиф хулоса бароварда тавсияҳо барои такмили он кардааст.

Таҳлили фаъолияти комплекси агросаноатии кишвар рушди ноустувори онро нишон медиҳад. Дар айни замон коҳишёбии ҳаҷми истеҳсол ва фуруши маҳсулоти кишоварзӣ ба назар мерасад ва вазъи молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ аз ҷиҳати молиявӣ ва иқтисодӣ низ начандон хуб мебошад. Муаллиф қайд намудааст, ки корхонаҳои истеҳсолӣ ва коркарди комплекси агросаноатӣ аз сабаби набудани маблағҳои худӣ ва кам кардани заминаи ашёи хоми моддию техникии навсозии саривақтӣ, ба онҳо аломати корношоями хос мешаванд ва дар натиҷа дар бозори маҳсулоти кишоварзи ғайрисамарабахши фаъолият мебаранд.

Дар шароити имрӯза манфиати иқтисодии иштирокчиёни сохторҳои минтақавии яклухти озуқаворӣ аз он иборат аст, ки воҳидҳои муттахидшудаи минтақавӣ ба ҳам пайвастанд ва ба истифодаи муштараки оқилонаи захираҳо нигаронида шудаанд ва дар ниҳоя – самараи фаъолияти онҳоро таъмин карда метавонанд. Фикри муаллиф

дуруст аст, ки танҳо як системаи мукаммали ҳамкориҳои иқтисодӣ, ки ҳамаи иштирокчиёни сохторҳои ҳамгирошударо дар бар мегирад, воқеан метавонад рушди мутақобила, мутаносиб ва самарабахши онҳоро таъмин кунад.

Барои арзёбии дурурсти масъала муаллиф кушиш намудааст, ки дар сатҳи зарурӣ масъалаҳои ҳамгироии минтақавии агросаноатиро бо истифода аз шароити таърихӣ ва иқтисодии ташаккули он ошкор намояд.

Дар автореферат ҳалли масъалаи муҳими илмии сохторҳои ҳамгироишудаи комплекси агросаноатӣ дар бахши воқеии кишоварзии иқтисодиёти минтақа пешниҳод шудааст. Аз ин хотир муваффақиятҳои уновнҷӯро дар автореферат зиёд мушоҳида намудан мумкин аст. Новобаста аз ин норасоиҳои зерин низ ҷой доранд:

1.Муаллиф таҳлили потенсиали ҳар як минтақаҳои таҳқиқшуда оид ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ гузаронидаст. Аммо заминаҳои ҳамгироии кишоварзӣ ва самараи онро дар сатҳи минтақа нишон медод барои беҳбурии кор мебуд.

2. Хуб мешуд, дар қисми умумии автореферат ҳиссаи минтақаҳои алоҳида дар иқтисоди миллӣ, аниқтараш, дар маҷмуи маҳсулоти дохилаи мамлакат нишон дода мешуд.

Дар умум камбудиву эродҳои муайяншуда тавсиявӣ мебошанд, ки ба мазмун ва қимати илмӣ-назариявии рисолаи мазкур таъсири манфӣ расонида наметавонанд.

Дар маҷмуъ қайд карда мешавад, ки дар асоси ҳама ҳолатҳои дар боло қайд гардида, рисолаи номзадии мазкур дар мавзӯи “Мукаммалгардонии сохторҳои минтақавии ҳамгироишудаи агросаноатӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)” дар сатҳи зарурии илмӣ омода гардида аз ҷиҳати мазмун ба талаботҳои “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ сазовор аст.

**Тақриздиҳанда:**
**ходими пешбари илмии**
**Институти иқтисодиёт ва демографияи**
**АМИТ, н.и.и.** **Бобоев К.О.**

*Суроға: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи С.Айнӣ, 44.*
*Имзои Хоналиев Н.-ро тасдиқ мекунам:*

Инспектори калони шуъбаи
кадрҳои ИИД АМИТ Қурбонов Э.Т.